Лоиҳа

**ХУЛОСАИ**
**ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-040-и НАЗДИ ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБӮАБДУЛЛО РӮДАКИИ АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**дар бораи диссертатсия оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ**

парвандаи аттестатсионии № 13

**Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 29-уми апрели соли 2019**

Дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдуллоева Заррина Фатуллоевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) рӯзи 28 январи соли 2019 (суратҷаласаи № 10) аз ҷониби шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-040-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИҶТ (ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 21) барои ҳимоя пазируфта шудааст.

Унвонҷӯ Абдуллоева Заррина Фатуллоевна, соли таваллудаш 1969, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ӯ ба ҳайси корманди хурди илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакӣ кор мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло

Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон **Султонов Мирзоҳасан Баротович** мебошад.

**Муқарризони расмӣ:**

**Ҷоматов Самиддин Салоҳиддинович** – доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ.

**Муҳаббатов Абулфазл** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошанд. Тақриз мусбат аст.

**Муассисаи тақриздиҳанда** – Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода (ш.Душанбе) бо имзои ректори Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода, доктори илмҳои педагогӣ, профессор Раҷабзода Маҳмадулло ва ҳайати кафедраи назария ва амалияи забоншиносии донишкадаи мазкур баҳои мусбат дода, баъзе эродҳо оид ба диссертатсия пешниҳод намудааст, аз ҷумла гуфта шудааст, ки дар баъзе саҳифаҳои рисола иқтибосоти зиёд оварда шудааст ва аз ин рӯ, андешаронии муаллиф норавшан мондааст (с. 19, 21, 54, 74 ва ғ.); дар диссертатсия дар шарҳу тафсири этимологии истилоҳоти маъмул ба ғалатфаҳмиҳо роҳ дода шудааст, аз ҷумла истилоҳи мусиқии *“авҷ”* дар саҳифаи 54 вожаи асили тоҷикӣ ва дар саҳифаи 77 калимаи арабӣ нишон дода шудааст; муаллиф дар аввали рисола (с.11) таҳқиқи муқоисавӣ-таърихии истилоҳотро ҳадафи асосии кор нишон додааст, вале дар рисола ин масъала сарфи назар шудааст; аксари истилоҳоти мавриди пажӯҳиши рисола дар заминаи маводи китобҳои энсиклопедии адабиёт ва санъати тоҷик (Душанбе, ҷ.2, 1989) гирд оварда шудааст, вале сарчашмаҳои он нодуруст нишон дода шудааст; дар баъзе саҳифаҳои рисола ғалатҳои услубӣ, имлоӣ ва китобат ба чашм мерасанд (с. 6, 8, 13, 107, 145 ва ғ.). Тақриз мусбат аст.

Диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» тадқиқоти

анҷомёфта махсуб гардида, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) мебошад.

Унвонҷӯ натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии диссертатсияро дар маърӯзаҳои илмӣ дар конференсияҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод намуда, инчунин дар 3 мақола дар нашрияҳои илмии пешбар, ки ба рӯйхати Комиссияи Олии Аттестатсионии (ВАК) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Русия тавсия шудаанд, ба нашр расонидааст.

Номгӯйи муҳимтарин корҳое, ки моҳияти илмии диссератсияро инъикос менамоянд, чунин аст:

1. Истилоҳоти мусиқӣ дар “Шоҳнома” и безаволи Фирдавсӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2016. – № 4/4 (206). – С. 93-98.

2. Сайри кӯтоҳи таърихӣ ба баъзе манобеи истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоқикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе, 2016. – № 4/5 (209). – С. 88-91.

3. Истилоҳоти мусиқии арабиасос дар забони тоҷикӣ //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Маҷаллаи илмӣ (бахши илмҳои филологӣ). – Душанбе. 2017. – № 4/2. – С. 22-25.

4. Абдуллоева З., Маликзод А. Анворе аз Хуршеди маърифат (Маҷмӯаи мукотибот ва шеърҳои академик Хуршеда Отахонова). – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 195 с.

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳои зерин ворид шудаанд:**

1. **Амлоев Аминҷон Ятимович** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи славянии Россия ва

Тоҷикистон дар тақриз танҳо ба баъзе ғалатҳои техникӣ ишора кардааст. Тақриз мусбат аст.

2. **Нурхон Гадоев** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ дар тақризи худ ҳамчунин ба баъзе камбудиҳои имлоӣ ва техникӣ ишора кардааст. Тақриз мусбат аст.

3. **Адашуллоева Гулноза Мухайбиновна** – дотсенти кафедраи забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи Давлатии Самарқанд, доктори фалсафа дар илмҳои филологӣ (PhD) дар тақриз қайд кардааст, ки агар дар хулоса натиҷаҳои бадастовардашуда рақамгузорӣ карда мешуд, хубтар мебуд. Тақриз мусбат аст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян кардани баъзе эроду нуқсонҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои шоёни муаллифи диссертатсияро низ таъкид кардаанд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи таърихи забон, забоншиносӣ буда, дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба мавзӯи диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад. Муассисаи такриздиҳанда дар самти тадқиқу таҳлили масоили умдаи забоншиносӣ ва таърихи забони тоҷикӣ корҳои зиёдеро анҷом додааст.

Шӯрои диссертатсионӣ таъкид менамояд, ки унвонҷӯ дар асоси кори анҷомшуда, бори нахуст дар шакли монография таҳлили лингвистии мавод, таърихи пайдоиши истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ, усулу роҳҳои асосии истилоҳсозии мусиқии тоҷикиро баррасӣ намудааст.

Муайян шудааст, ки мусиқӣ ва мусиқишиносии тоҷикӣ ҷузъи таркибии осори фарҳангии мардуми эронинажод маҳсуб мегардад ва реша дар қаъри таърихи ин мардуми куҳанбунёд дорад. Таърихи

инсоният гувоҳ аст, ки мардуми эронинажод дар гузашта дорои фарҳангу адаби асили ғанию воло буда, бо таълифу тадвини осори гаронбаҳо дар тамоми бахшҳои илму ҳунар, аз ҷумла таълифу таснифи осори рангини мусиқӣ дар ғанӣ гардонидани санъату ҳунар ва фарҳанги умумибашарӣ саҳми назаррас дорад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Таҳқиқе, ки дар ин заминаи таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ анҷом дода шудааст, ба таҳқиқоти минбаъдаи асосҳои истилоҳшиносӣ ва таърихи ташаккулу такомули истилоҳоти дигар соҳаҳои илму фан на танҳо дар забони тоҷикӣ, балки дар дигар забонҳои эронӣ роҳ мекушояд.

Натиҷаи таҳқиқи диссертатсия имкон дорад барои омӯзиши масъалаҳои назариявию амалии истилоҳот, хондани курсҳои назариявии “Таърихи забони тоҷикӣ”, “Вожашиносӣ ва истилоҳоти забони тоҷикӣ”, таълифи китоб ва дастурҳои таълимии мусиқӣ, инчунин барои таҳияи фарҳангҳои тафсирӣ ва соҳавӣ мавриди истифода ва баҳрабардорӣ қарор бигирад.

Бо дарназардошти мақсади асосии таҳқиқ ва дар заминаи ҳалли вазифаҳои диссертатсия масъалаҳои асосии зерин пешниҳод гардидаанд: таърихи ташаккули истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ бо таърихи сиёсию иҷтимоӣ ва маънавию фарҳангии халқи тоҷик ва дигар мардуми форсизабон робитаи ногусастанӣ дошта, марҳилаҳои рушди таърихии вай низ ба таърихи сиёсию фарҳангии миллат алоқамандӣ дорад; истилоҳоти мусиқии забони тоҷикӣ дорои низоми нисбатан пойдору устувор мебошад; истилоҳоти мусиқӣ ба таркиби луғавии забонии муосири тоҷикӣ ворид шуда, ҳамчун унсури комилҳуқуқи ин низом ба қонуниятҳои дохилии он мутобиқати комил пайдо кардаанд; дар ташаккули истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ иқтибоси истилоҳоти мусиқӣ аз забонҳои арабӣ, юнонӣ, ҳиндӣ ва забонҳои диғар нақши муҳим мебозад; дар сохтмони дастурии истилоҳоти мусиқӣ ҳамаи усулҳои маъмули истилоҳсозии забони тоҷикӣ иштирок мекунанд.

Асоси назариявӣ ва методологии таҳқиқотро асарҳои бунёдии олимони шинохтаи забоншинос: В.В. Виноградов, Д.С. Лотте, А.А. Реформатский, А.Д. Хаютин, Ж. Лазар, В.С. Расторгуева, И.М. Оранский, Т. Чавчавадзе, Л.С. Пейсиков, Ю.А. Рубинчик, В.А. Лившитс, Л.П. Смирнова, И.М. Стеблин-Каменский, Ҷ.И. Эделман, М. Муин, М.-Т. Баҳор, М. Шакурӣ, Д. Саймиддинов, Ш. Рустамов, М. Қосимова, С. Сулаймонов, С. Назарзода, М.-Ҳ. Султон, С.Ҷоматов, А.Муҳаббатов, Н.Ҳакимов, А.Низомов ва диг. ташкил медиҳанд.

Мавриди омӯзиш қарор додани моҳияти истилоҳи мусиқӣ, истифодаи дурусти он то андозае аҳамияти муҳимми маънавию фарҳангӣ дорад, ки дар баланд бардоштан ва сайқал додани маданияти сухан ва фарҳанги мусиқӣ ифода меёбад.

**Саҳми фардии** муҳаққиқ дар он зоҳир мегардад, ки дар заминаи маводи фаровони илмию адабӣ бори нахуст дар забоншиносии тоҷикӣ таърихи ташаккул ва такмили минбаъдаи истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ мариди таҳқиқ қарор дода, се марҳилаи рушди таърихии истилоҳоти мусиқии тоҷикиро муайян кардааст: марҳилаи қадим (тоисломӣ); марҳилаи асрҳои миёна (густариши фарҳанги исломӣ); марҳилаи замони муосир. Муқаррар карда шудааст, ки баъзе истилоҳоти асили мусиқӣ, реша дар таълимоти зардуштӣ ва ҷаҳонбинии ирфонии мардуми мо доранд. Ҳамчунин шоистаи зикр аст, ки истилоҳоти зиёди мусиқии тоҷикӣ бо қаҳрамонони асотирӣ ва падидаҳои равшани таърихии мардуми тоҷик бастагии ногусастанӣ доранд. Дар ташаккули истилоҳоти мусиқии тоҷикӣ, ҳамчунин истилоҳоти иқтибосӣ аз забонҳои арабӣ, лотинӣ, юнонӣ, ҳиндӣ, русӣ ва забонҳои дигар нақши ниҳоят муҳим доранд.

Ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-040 -и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии АИ ҶТ рӯзи 29 апрели соли 2019 дар бораи ба Абдуллоева Заррина Фатуллоевна додани дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ қарор қабул кард.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ аз шумораи умумии 16 нафар аъзои шӯрои диссертатсионӣ 14 нафар, ки аз ин 7 нафар аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) мебошад, дар ҷаласа иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 14 нафар, «зид» - нест, «баргаҳои беэътибор» - нест.

Иҷозат диҳед Қарори шӯрои диссертатсиониро оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ Абдуллоева Заррина Фатуллоевнаро эълон намоям.

Суханронии Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ), муассисаи тақриздиҳанда, муқарризони расмӣ: доктори илмҳои филологӣ Ҷоматов Самиддин Салоҳиддиноич ва номзади илмҳои филологӣ Муҳаббатов Абулфазл ва муқарризони ғайрирасмӣ – номзади илмҳои филологӣ Амлоев Аминҷон Ятимович, Нурхон Гадоев ва доктори фалсафа дар илмҳои филологӣ (PhD) Адашуллоева Гулноза Мухайбиновнаро шунида, муҳокима карда, шӯрои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дар мавзӯи «Таърихи инкишофи истилоҳоти мусиқӣ дар забони тоҷикӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси

10.02.22 – Забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) ба талаботи банди 2 ва зербандҳои 10 ва 11 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)»-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми октябри соли 2016, №5 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад.

2. Диссертатсия ва мақолаҳои илмии чопшудаи муҳаққиқ мазмун ва мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд.

3. Ба Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ дода шавад.

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Абдуллоева Заррина Фатуллоевна дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои филологиро диҳад.

Муҳтарам аъзои шӯрои диссертатсионӣ барои қабул кардани қарори мазкур пешниҳод ҳаст? Хоҳишмандам овоз диҳед. Тарафдор - _14_ нафар, зид – нест, бетараф - нест. Якдилона қабул шуд.

Муҳтарам аъзои шӯрои диссертатсионӣ ва ҳозирин. Иҷозат диҳед аз номи Шумо унвонҷӯ Абдуллоева Заррина Фатуллоевнаро ба ҳимояи бомуваффақият табрик намуда, ба ӯ саломатӣ ва дар оянда комёбиҳои илмию эҷодиро таманно намоям.

Иҷозат диҳед ба роҳбари илмӣ, доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи луғат ва истилоҳоти Институти забон в адабиёти ба номи Абӯабдулло Рӯдакии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, **Султонов Мирзоҳасан Баротович**, муқарризони расмӣ **Ҷоматов Самиддин Салоҳиддиноич**, доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва **Муҳаббатов Абулфазл,**

номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи филологияи Эрони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, коллективи муассисаи тақриздиҳанда, кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода ва ба тамоми олимони бароимадкарда барои баҳои воқеӣ ба диссертатсияи баррасишуда миннатдорӣ изҳор намуда, ба онҳо саломатӣ ва дар кору ҳаёти шахсиашон комёбиҳо орзу намоям.

Ба ҳамаи ҳозирин ташаккур.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ,
узви вобастаи АИ ҶТ С. Раҳматуллозода

Котиби илмии шӯрои
диссертатсионӣ, номзади
илмҳои филологӣ Х.А. Ҳошимова

*29 апрели соли 2019*